ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба таҳқиқи диссертатсионии Шарипов Рустам Миралиевич дар мавзӯи «Нақши брутселлаҳо, салмонеллаҳо ва коккҳо дар паҳншавии бемориҳои сироятии ҳайвонот дар Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯйи ихтисоси 06.02.02 - Микробиологияи ветеринарӣ, вирусшиносӣ, эпизоотология, занбурӯғшиносӣ бо заҳрзанбурӯғшиносӣ, масъуниятшиносӣ пешниҳод шудааст

Шарипов Рустам Миралиевич аз соли 2018 ҳамчун унвонҷӯи Институти тибби ветеринарии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон фаъолияти илмӣ мебарад. Ӯ соли 2018 факултети тибби ветеринарии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемурро бо ихтисоси духтури «Тибби ветеринарӣ» бо дипломи маълумоти олӣ хатм намудааст.

Шарипов Р.М. дар баробари машғул шудан ба корҳои илмӣ-тадқиқотӣ дар Институти тибби ветеринарӣ дар вазифаҳои ходими хурди илмии озмоишгоҳи вирусология, сипас ходими илмии озмоишгоҳи вирусология ва ҳоло ҳамчун мудири озмоишгоҳи мазкур кору фаъолият мебарад.

Аз рӯзҳои аввали таҳсил дар аспирантура, Шарипов Р.М. қобилияти баланди таҳқиқотӣ, масъулиятшиносӣ ва фаъолона иштирок кардан дар корҳои илмию амалиро нишон дод. Ӯ мавзӯи муҳими илмии марбут ба хуруҷу паҳншавии бемориҳои сироятии ҳайвонот, бахусус брутселлаҳо, салмонеллаҳо ва коккҳоро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намуда, таҳқиқоти васеъ ва амиқро анҷом дод.

Диссертатсияи муаллиф аз муқаддима, 4 боб, хулоса, тавсияҳо ва руйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар муқаддима аҳамияти мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ асоснок ва дараҷати омӯзиши масъала, мавзӯъ ва объекти таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳо, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, навоварии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии рисола инъикос ёфтааст.

Дар боби якум таҳлили амиқи адабиёти соҳавӣ, дар боби дуюм мавод ва усули тадқиқот, дар боби сеюм натиҷаҳои тадқиқоти хусусӣ ва дар боби чорум муҳокимаи натиҷаҳои тадқиқот инъикос ёфтаанд.

Дар хулосаҳо ва тавсияҳо, истифодаи амалии натиҷаҳои тадқиқот пешниҳод гардидааст.

Нуқтаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ-методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд. Мухтавои асосии диссертатсия дар баромадҳои муаллиф дар

конфронсҳои сатҳи гуногун ва мақолаҳои илмии нашргардида, ки вобаста ба мавзуъ 14 мақола, аз он 8 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва 6 мақола дар дигар нашриёт мебошад, инъикос ёфтаанд.

Хулоса, диссертатсияи Шарипов Рустам Миралиевич дар мавзӯи “Нақши брутселлаҳо, салмонеллаҳо ва коккҳо дар паҳншавии бемориҳои сироятии ҳайвонот дар Тоҷикистон” ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июли соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 31 марти соли 2021, №3) ҷавобгу буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯи ихтисоси 06.02.02 – Микробиологияи ветеринарӣ, вирусшиносӣ, эпизоотология, занбурӯғшиносӣ бо захрзанбурӯғшиносӣ, масъуниятшиносӣ барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Роҳбари илмӣ:
номзади илмҳои ветеринарӣ
Назруллозода С.Ҳ.
«30» 05 с.2025

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, ноҳияи И.Сомонӣ, кучаи Сурхоб, х.438
Тел: +992985636368
Email: sulaimon.habibi@mail.ru
Имзои Назруллозода С - ро тасдиқ мекунам.

Нозир оид ба кадрҳои Институти тибби ветеринарии
Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон
Шабнами Р.

Суроға: 734005, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кучаи А. Қаҳҳоров 43
Тел: 20275192
Email: iveterinari@mail.ru

«30» 05 с.2025